# ПРОТОКОЛИ № 23

Мачлиси Шурои муштараки диссертатсионии 6D. КОА-057 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминчунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ оид ба ҳимояи диссертатсияи номзадӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологияю минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 - Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01 - Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ).

17 майи соли 2024

ш. Душанбе

Иштирок доштанд: 14 узви шуро
аз ин теъдод 3 доктор аз рӯйи ихтисоси
диссертатсияи ҳимояшаванда.

Оғози мачлис: 14:00
Анчоми мачлис: 16:45

17 майи соли 2024 соати 14:00 дар толори Шурои муштараки диссертатсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминчунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ (ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак) бинои таълимии № 17, мачлиси Шурои муштараки диссертатсионии 6D. КОА-057 баргузор гардид.

## Рузномаи мачлис:

Ҳимояи диссертатсияи номзадӣ унвончӯи лабораторияи канданиҳои фоиданоки Институти геология, сохтмони ба заминчунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ дар мавзуи «Асосноккунии геоэкологӣ, бехатар ҷойгиронӣ, нигоҳдорӣ ва дафни партовҳои саноати кӯҳии майдони маъдании Чоре (Тоҷикистони Марказӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологияю минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 - Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01 - Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ).

**Шунида шуд.** Каримов Ф.Ҳ. – раисикунандаи мачлиси Шурои муштраки диссертатсионӣ рузномаи мачлисро ба узви Шуро шинос намуд. Баъд аз баррасӣ масъала бо тариқи кушод ба овоз монда шуд, ки якдилона аз ҷониби узви Шуро тасдиқ гардид.

Диссертатсияи номзадӣ дар лабораторияи канданиҳои фоиданоки Институти геология, сохтмони ба заминчунбӣ тобовар ва сейсмологияи

АМИТ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Валиев Шариф Файзуллоевич** – доктори илмҳои геология ва минералогия, профессор, сарходими илмии Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ.

**Муқарризони расмӣ: Абдураҳимов Садриддин Яминович** - доктори илмҳои геология ва минералогия, профессори кафедраи географияи табиии факултети геоэкология ва туризми МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров” ба диссертатсия тақризи мусбӣ додааст.

**Ятимзода Содиқ Бақо** - номзади илмҳои геология ва минералогия, мутахассиси пешбари раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбӣ додааст.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар шаҳри Душанбе.

Котиби Шуро қайд намуд, ки парвандаи аттестатсионии пешниҳоднамудаи унвонҷӯ ба талаботи низомномаи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Тибқи регламенти ҷаласа Сафари Нусратулло рисолаи номзадии худро баррасӣ намуд.

Аз ҷониби узви Шуро ба унвонҷӯ 6 савол пешниҳод гардид:

Фозилов Ҷ.Н., н.и.г.-м, дотсент:

1. Нақшаи усули анборкунии маъданро дар буриши маъдании Равот, кони ангишти Фон-Яғноб (слайди № 26) шарҳ диҳед?

Ҷавоб: Аз сабаби он, ки дар фасли зимистон кашонидани ангишт мушкил мегардад, мо усули интиқоли лулагиро пешниҳод намудем. Ин усул метавонад бо харҷи кам ва сифати хуб ангиштро инитиқол дода шароити мусоид фароҳам меоварад.

2. Файзиев Ф.А., н.и.г.-м., дотсент:

Дараҷаи хатарнокии корхонаҳои майдони маъдании Чореро чӣ гуна тавсиф менамоед?

Ҷавоб: Чи хеле ки дар (слайди № 20) оварда шудааст. Дараҷаи хатарнокии кони маъдании Кумарги Боло эҳтимолияти миёна, кони маъдании Чоре муътадил, кони маъдании Дуобаи Шарқӣ мутадил. Инчунин маълумоти пурра оиди дараҷаи хатарноки дар ҷадвал оварда шудааст.

Раисикунанда: Марҳамат боз саволҳо ҳаст?

3. Икромов И.И., д.и.т, профессор:

Дар ин ҷо Шумо барои дараҷаи хатарнокии ҳар як кон гуфта гузаштед, бисёр хуб.

1. Савол: Барои бартараф намудани дараҷаи хавфҳо кадом

чорабиниҳоро пешниҳод намудед?

Ҷавоб: Барои бартараф намудани хавфҳо вобаста ба иклими минтака дар заминҳои баркароргардида бунёд намудани бутазорҳо мувофик мебошад.

2. Савол: Заминҳое, ки ҳангоми корҳои истихроҷи вайрон карда мешаванд, чӣ гуна баркарор карда мешаванд?

Ҷавоб: Чи хеле дар накшаи баркарорсозии заминҳои вайроншуда (слайди №16) нишон дода шудааст, баъд аз корҳои истихроҷи коркардҳои кӯҳӣ бо ҷинсҳои аз маъдан холи пур карда мешаванд баъд аз он кабати болои замин бо нерӯи маҳалӣ ё ин, ки гилхокпушонӣ карда мешавад.

2. Савол: Иншооте, ки дар минтакаи мазкур сохта шудааст (партовгоҳҳо) ба обҳои руизаминӣ ва зеризаминӣ хавф оварда метавонад?

Ҷавоб: дар рафти сохтмони иншооти мазкур аз ҷониби мутахассисони Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди ҲҶТ оид ба назорати обҳои сатҳӣ ва зеризаминӣ омузиш гузаронида шудааст. Дар натиҷа ягон дараҷаи хавфноки мушоҳида нашудааст. Иншооти мазкур моҳи июни соли 2023 ба истифода дода шудааст. Агар меъёрҳои мукарраргардида риоя карда нашавад, пас имконияти ба амал омадани хавфҳои экологӣ аз эҳтимол дур нест.

4. Абдураҳимов С. Я., д.и.г-м., профессор:

1.Савол: Дар накшаи баркарорсозии заминҳои вайроншуда, функсияи экологии литосфераро чӣ гуна маънидод менамоед?

Ҷавоб: Вакте, ки маъдан аз каъри замин бароварда мешавад, дар натиҷаи таъсири ҳаво, об, хок ва омехташавии кимиёвии онҳо тасири манфии худро ба литосфера мерасонанд.

5. Искандаров Ф.Ш., к.г.-м.н., дотсент:

1. Савол: дар автореферат оварда шудааст, ки унвонҷӯ дар гирифтани намуна бардорӣ шахсан иштирок кардааст, гуед, ки намунаҳои гирифташуда дар куҷо таҳлил карда шудааст?

Ҷавоб: Дар намунагири ман шахсан иштирок доштам. Намунаҳои гирифташуда дар лабораторияи марказии Кумитаи давлатии геология ва ашъёи минералии Ҷумҳурии Узбекистон моҳи июн-ноябри соли 2019 мариди омӯзиш карор дода шудааст, ки дар диссертатсия оид ба ин масъала маводҳо ҳаст.

Раисикунанда: Агар дигар саволҳо набошанд тибки регламенти маҷлис сухан ба роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои геология ва минералогия, профессор Валиев Ш.Ф., дода мешавад. Марҳамат Шариф

Файзуллоевич!

Валиев Ш.Ф. баромад мекунад. Тақриз замима мегардад.

Раисикунанда: Марҳамат ба Валиев Ш.Ф. - роҳбари илмии унвонҷӯ саволҳо ҳаст! Нест.

Раисикунанда: Сухан ба Ғайратов М.Т. - котиби шурои илмӣ барои баррасии тақризи муассисаи пешбар дода мешавад.

Раисикунанда: Марҳамат Маликдод Топалангович!

Котиби илмӣ Ғайратов М.Т. – тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Шоназаров Беҳруз Баҳромович –номзади илмҳои техникӣ, мудири кафедраи геоэкологияи донишгоҳи мазкур ба диссертатсияи номзадии Сафари Нусратулло дар мавзуи "Асосноккунии геоэкологӣ, бехатар ҷойгиронӣ, нигоҳдорӣ ва дафни партовҳои саноати кӯҳии майдони маъдании Чоре (Тоҷикистони Марказӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01 – Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ пурра қироат намуд. Тақриз ба диссертатсияи номзади мусбӣ арзёбӣ шуда, эрод низ оварда шудааст:

1. Доир ба ҷорӣ намудани маҷмуи чораҳои ҳимоявӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ва таҳияи чорабиниҳо оид ба бартарафсозӣ ва коҳиш додани хавфҳои геологӣ, хусусан дар бахши партовҳои ҷинсҳои аз маъдан холӣ мебоист маълумоти муфассал пешниҳод мегардид.

2. Дар боби 5-уми рисолаи номзади "Коркарди чорабиниҳо оид ба бартараф ва коҳиш додани ифлосшавии минбаъда, беҳтар намудани ҳолати номусоиди экологӣ (ҳавои атмосферӣ ва маъданӣ) таҳлилҳо оварда нашудааст.

Раисикунанда: барои ҷавоб гардонидан ба эродҳои муассисаи пешбар сухан ба унвонҷӯ Сафари Нусратулло дода мешавад.

Марҳамат Сафари Нусратулло!

Ҷавоб: дар боби 5 рисола доир ба бартарафсозӣ ва коҳиш додани хавфҳои геологӣ хусусан дар бахши партовҳои ҷинсҳои аз маъдан холӣ маълумоти муфассал оварда шудааст.

Ҷинсҳои аз маъдан холи барои баркарорсозии заминҳои зери таъсири техногеннӣ карор дода шуда ва инчунин ҳамчун мавод барои корҳои соҳил мустаҳкамкунӣ, ё ин, ки барои истеҳсоли маводи сохтмонӣ дар сохтмони иншооти ҳаётан муҳим истифода мегарданд.

Ҷавоб: тибки маълумотҳои ба даст овардаи мо аз Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёри газҳои заҳролуд дар атмосфера ва атмосфераи маъданӣ зиёд нестанд, аз ин

лиҳоз гузаронидани таҳлилҳои ҳавои атмосферӣ зарурат надошт.

Раисикунанда: Ҳоло сухан ба Ғайратов М.Т.-котиби илмии Шуро оид ба баррасии тақризҳое, ки ба автореферати диссертатсияи унвонҷӯ ворид гардидаанд дода мешавад.

Ба автореферати Сафари Нусратулло 6 тақризи мусбӣ ворид шудааст:

1. Ҳамидов Ф. номзади илмҳои техникӣ Мудири сектори илмӣ-тадқиқотии Агентии амнияти ХБРЯ АМИТ ба автореферат тақризи мусбӣ арзёбӣ намуда, эрод низ оварда шудааст:

- Дар фишурдаи диссертатсия масоҳати умумии майдонҳои зери тадқиқот қарордошта оварда нашудааст, аз ҷумла майдони маъданӣи Чоре.

- Дар фишурдаи диссертатсия маълумоти дақиқ вобаста ба ифлосшавии химиявӣ ва радиатсионии хок ва маъданҳои аз конҳо берун овардашуда дар минтақаи тадқиқотшаванда оварда нашудааст.

- Дар фишурдаи диссертатсия баъзе хатогиҳои техникӣ, услубӣ ва имлоӣ дида мешаванд.

2. Ҷовид Аминов доктори (PhD), дотсенти кафедраи илмҳо оид ба замин ва муҳити зисти Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар шаҳри Хоруғ тақризи мусбӣ арзёбӣ намуда, эрод низ оварда шудааст:

- Дар шакли тоҷикии автореферат камбудиҳои забони мушоҳида мешавад.

- Пешниҳод оид ба нуктаи дуюми ҳимояшаванда бо таври "Тадқиқоти мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки хавфу хатари геоэкологӣ дар минтақаи сохторҳои тектоникии навин, ки майдони маъданӣ шомилаш аст, хусусияти ирсӣ дорад.

3. Николаев А.Г. – номзади илмҳои геология ва минералогия, дотсенти кафедраи минералогия ва литологияи Интитути технологияи нафту гази шаҳри Қазони Россия ба автореферат тақризи мусбӣ арзёбӣ намуда, эрод надорад.

4. Юсупов В.Р. –номзади илмҳои геология ва минералогия, сардори лабораторияи Институти сейсмалогияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Узбекистон, ба автореферат тақризи мусбӣ арзёбӣ намуда, эрод надорад.

5. Фозилзода М.М. - номзади илмҳои геология ва минералогия, сардори шуъбаи геологияи Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба автореферат тақризи мусбӣ арзёбӣ намуда, эрод надорад

6. Самадова Г. М. -доктори илмҳои техникӣ, дотсенти Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии дар шаҳри Бустон ба автореферат тақризи мусбӣ арзёбӣ намуда, эрод надорад.

Раисикунанда: барои ҷавоб гардонидан ба эродҳое, ки аз ҷониби тақризгарон ба автореферати диссертатсия ворид гардидаанд сухан ба унвонҷӯ Сафари Нусратулло дода мешавад. Марҳамат!

Ҷаввоб ба эродҳои Ҳамидов Ф. номзади илмҳои техникӣ:

1. Дар рисола на ин, ки нисбати майдони тадқиқоти, балки ҳудудҳои ҳамҷавор низ мавриди омӯзиш қарор гирифта шудааст.

2. Дар боби 4-уми рисолаи номзади дар ҷадвали 4.2.2 таркиби умумии кимиёии навъҳои асосии хокҳои минтақаи тадқиқотӣ маълумот оварда шудааст.

3. Эродҳо боиси қабул мебошанд ва инчунин ислоҳ шуданд.

Ҷавоб ба эродҳои Ҷовид Аминов доктори (PhD):

1. Азбаски дар бахши имлоҳои геологӣ ва техникӣ луғатҳои тафсири вуҷуд надоранд, бо имкониятҳои мавҷуда рисолаи номзади бо забони давлатӣ таҳия карда шудааст.

2. Дар луғати забони тоҷикӣ баъзе ибораҳое ҳастанд, ки маънои гуногун доранд, бинобар ин маъноро боиси қабул шуморидем.

Раисикунанда: Муҳтарам узви Шуро тибқи регламент мегузарем ба шунидани муқарризони расмӣ. Сухан ба муқарризи расмӣ Абдураҳимов С.Я. - доктори илмҳои геология ва минералогия, профессори кафедраи географияи табиии факултети геоэкология ва туризми МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров дода мешавад.

Марҳамат Садриддин Яминович! (замимаи баромад).

Сухан ба унвонҷӯ Сафари Нусратулло барои посух ба эродҳои муқарризи расми Абдураҳимов С.Я. дода мешавад. Марҳамат!

1. Дар рисолаи диссертатсионӣ маълумот оиди муҳити геологӣ (геологическая среда) ва мафҳумҳои он бе маҷудияти инфрасохторҳои муҳити геологӣ дар майдони маъдании Чоре номумкин аст.

Ҷавоб: Дар ҳақиқат эроди Шумо муҳтарам Садриддин Яминович боиси қабул аст, локин то андозае доир ба ин масъала дар диссертатсия маълумотҳо оварда шудааст, чи дар бахши сохтори геологӣ, геоморфологӣ, тектоникӣ, гидрогеологӣ ва инчунин шароити иқлими ва ғайраҳо.

2. Дар диссертатсия мукаммал харитаи геологии (расми 2.1.1) майдони маъдании Чоре оварда шудааст. Дар он ҳамаи давраҳои геологӣ инъикос ёфтааст. Лекин дар харитаи пешниҳодшуда микёс мавҷуд нест. Сарҳади кони Чоре гузаронида нашудааст.

Ҷавоб: Эроди дарҷгардида ислоҳшаванда буда, алакай бартараф гардид. Тибқи дархости КВД Аэрогеодезия ш. Душанбе минбаъд дар харитаҳои геологӣ ва геологию муҳандисӣ бинобар сабаби дараҷаи махсус доштани объекти тадқиқоти нишон додани баъзе аломатҳои шартӣ зарурат набуд.

3. Барои асосноккунии геоэкологӣ, бехатар ҷойгиронӣ, нигоҳдорӣ хуб мешуд, ки унвонҷӯ асоси имрӯзаи "муҳити геологӣ"-ро (геологическая среда) бори дигар аз назар мегузаронид.

Ҷавоб: То он дараҷае, ки нисбати ин масъала маълумотҳоро дар даст дорем дар самти геоэкология то ба имрӯз корҳои илмию тадқиқоти тадқиқот бурда нашудааст, Лекин дар оянда шояд ба инобат гирем.

Сухан ба муқарризи расмӣ Ятимзода Содиқ Бақо - номзади илмҳои геология ва минералогия, мутахассиси пешбари раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. (замимаи баромад).

Сухан ба унвонҷӯ Сафари Нусратулло барои посух ба эродҳои муқарризи расмӣ Ятимзода С.Б. дода мешавад. Марҳамат!

1. Дар диссертатсияи унвонҷӯ дарҷ гардидааст, ки фаъолияти коркарди истихроҷи маъдан ҳамчун раванди манфии техногенӣ метавонад дар майдонҳо ва умқи васеъ паҳн шуда, боиси вайрон шудани хосиятҳои физикӣ-кимиёвӣ, биологӣ ва дигар хосиятҳои хок гардад, ҳамзамон таркиби кимиёвии хокҳоиасосан алюмино-силикатӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз, оид ба барқарорсозии заминҳои вайроншудаи техногенӣ чорабиниҳои рекултиватсионӣ мавод кам оварда шудааст.

Ҷавоб: Таҳқиқотҳое, ки дар конҳои маъдании Такоб гузаронида шудаанд, аз ҳисоби иқтисоди кам масраф буда нерӯи маҳалӣ истифода гардидаст, ин усулро бо истифода аз хокистари шабакаҳои гармидиҳӣ ва ин чунин аз тахшониҳои қаърии обанборҳо ба роҳ мондан мумкин аст.

2. Дар авҷгирии хавфҳои табиии минтақа роли муҳимро нишебиҳои шах мебозанд, лекин оид ба ин масъала чораҳои геоэкологӣ пешбинӣ нашудааст.

Ҷавоб: Объекти тадқиқотии мо аз минтақаҳои аҳолинишин дуртар ҷойгир шудаанд, лекин дар оянда барои пешбурди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар пеши худ мақсад гузоштем, нисбати ҷараёнҳои ярҷӣ, селӣ тармафаровӣ, ки ба иншооти техногенӣ хатари ҷиддӣ эҷод менамоянд чораҳои зарурӣро таҳия намоем.

Раисикунанда: муҳтарам муқарризони расмӣ агар саволҳои иловагӣ бошанд пешниҳод намоед. Аз ҷавобҳои унвонҷӯ қаноатманд ҳастед?

Мухтарам узви Шуро нисбати диссертатсияи номзадии унвонҷӯ ки хоҳиши баромад намудан доранд? Марҳамат!

1. Икандаров Ф.Ш., н.и.г.-м., дотсент: Дар саҳифаи 6-и автореферати унвонҷӯ баъзе иборахо такрор шудааст. Дар харитаи геологии майдони маъдании Чоре микиёс ва координатҳо оварда нашудааст. Рисолаи номзадии мазкурро тарафдори намекунам.

2. Файзиев Ф.А., н.и.г.-м., дотсент: ноҳияи Айнӣ аз ҷиҳати геологӣ-иктисодӣ дар соҳаи саноати кӯҳӣ яке аз ноҳияҳои тараккикарда ба ҳисоб меравад. Мавзуи имрӯза мавзуи актуалӣ буда, баъзан камбудихое, ки ҷой доран ислоҳшаванда аст. Вобаста ба таъмини ҳадафи чоруми милли яъне саноатикунонии босурати кишвар барои солҳои 2020-2026 накши созгор мемонад. Унвонҷӯ дар истеҳсолот таҷрибаи кофӣ дар ин самт дорад. Рисолаи номзади дар сати хуб ба анҷом расонида шудааст. Унвонҷӯ Сафари Нусратуллоро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.26 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01 - Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ) арзанда мебошад.

3. Абдураҳимов С.Я., д.и.г-м., профессор: Максад аз мавриди барраси карор додани баъзе камбудиҳои ҷойдошта, ин манои монеа шудан ба фаъолияти илмии ҷавононро надорад. Бараъкс сифати корро пурра месозад. Ман тарафдор барои сазовор донистани Сафари Нусратулло барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.26 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01 - Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ).

4. Гадоев М. Л., н.и.г.-м., дотсент: Дар муҳокимаи мавзуи имрӯза мо аз таҷрибаи истеҳсолии Сафари Нусратулло огоҳи пайдо намудем. Азбаски унвонҷӯ дар соҳаи назорати геологӣ ва назорати кӯҳӣ-техникӣ дар вазифаҳои роҳбарикунанада фаъолият кардааст, аз фаъолияти корхонаҳои минатакаи тадкикотӣ пурра бархурдор аст. Диссертатсияи номзадӣ хуб ба анҷом расида, Сафари Нусратулло барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.26 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01 - Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ) арзанда мебошад.

5. Муртазоев У. И., д.и.г., профессор: Чи хеле, ки аз баромади унвонҷӯ Сафари Нусратулло маълум шуд, корҳо тадкикотӣ дар сатҳи хуб гузаронида шудааст. Ман тарафдори он, ки унвонҷӯ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия сазовор дониста шавад.

6. Икромов И.И., д.и.т., профессор: Мавзуи "Асосноккунии

геоэкологӣ, бехатар ҷойгиронӣ, нигоҳдорӣ ва дафни партовҳои саноати кӯҳии майдони маъдании Чоре (Тоҷикистони Марказӣ) ки унвонҷӯ рисолаи номзадиро ба анҷом расонидааст, бисёр як мавзуи васеъ ва актуалӣ мебошад. Ба ибораи дигар яъне ба рисолаи номзади не балки ба рисолаи доктори рост меояд. Он камбудиҳое, ки дар ин ҷо мавриди таҳлил карор додем дар кори номзади ғайри имкон аст. Пешниҳод менамоям, он эродҳое аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ гирифта шуданд, унвонҷӯ дар корхонаҳои саноатии дигар минтакаҳо корҳои тадкикотиро ба роҳ монад, як рисолаи хуби докториро ба анҷом мерасонад. Мо барои корҳои илмии оянда барору комёби хоҳонем. Дар ҳакикат Сафари Нусратулло барои барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои геологияю минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.26 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01 - Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ) сазовор мебошад.

6. Каримов Ф.Ҳ., д.и.ф.-м, профессор: Дар ҳақиқат аз таҷрибаи истеҳсолии унвонҷӯ Сафари Нусратулло малум шуд, ки рисолаи номзади дар сатҳи хуб ба анҷом расонида шудааст. Барои сазовор донистан такризҳои муассисаи пешбар ва муқарризони расмӣ, ки мусбӣ арзёбӣ шудааст, кифоя мебошад. Дар оянда барои идома додани корҳо илмӣ ба унвонҷӯ бароу комёби шоҳонам. Инчунин  Сафари Нусратулло барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илҳои геологияю минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.26 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01 - Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ) арзанда мебошад.

Раисикунанда: Агар барои баромад намудан дигар хоҳишмандон набошад, тибки регламент моро зарур аст, ки комиссияи ҳисобро интихоб намоем. Аз меҳмонони гироми хоҳиш карда мешавад, ки толорро тарк намоянд.

Оид ба комиссияи ҳисоб пешниҳод менамоям ки 3 нафар аз ҳайати Шуро интихоб карда шавад: Икромов И.И.-профессор, Файзиев Ф.А.-дотсент ва Саидова Д.Н.-дотсент, дигар таклифҳо нест? Таклифро ба овоз мемонам хоҳиш менамоям мавқеи хешро муайян менамудед! Тарафдор 14, зид - нест, бетараф - нест. Таклиф якдилона ҷонибдорӣ ёфт. Аз аъзоёни комиссияи ҳисоб хоҳиш менамоем, ки ба кор шуруъ намоянд. Барои фаъолияти кори комиссияи ҳисоб танаффус эълон карда мешавад.

Баъд аз танаффус. Сухан ба раиси комиссияи ҳисоб дода мешавад. Марҳамат! Аз 15 нафар узви Шурои муштараки диссертатсионӣ дар ҳимояи диссертатсия иштирок доштанд 14 нафар, аз ин теъдод 3 доктори илм аз рӯйи соҳаи ихтисос.

Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ: тарафдор 13, зид –нест, беэътибор - 1.

Узви шурои муштараки диссертатсионӣ тарики овоздихии кушод протоколи комиссияи ҳисобро якдилона тасдик намуданд.

**Қабул карда шуд:** Қарор ва хулосаи Шурои муштараки диссертатсионӣ тарики овоздихии кушод барои сазовор донистани Сафари Нусратуллоро барои дарёфти дарачаи номзади илмҳои геологияю минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 - Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01 - Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ).

**ҚАРОР**

17.05.2024с. ш. Душанбе

Шурои муштараки диссертатсионии 6D.KOA-057-и оид ба ҳимояи диссертатсияи номзадӣ барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои геологияю минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 - Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01- Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ).

**Шунида шуд:** Баромади Сафари Нусратулло дар мавзуи "Асосноккунии геоэкологӣ, бехатар чойгиронӣ, нигоҳдори ва дафни партовҳои саноати кӯҳии майдони маъдании Чоре (Точикистони Марказӣ) барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои геологияю минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 - Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01 - Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ) ва дар асоси тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Точикистон, тақризи муқарризи расмӣ Абдураҳимов С.Я. - доктори илмҳои геология ва минералогия, профессори кафедраи географияи табиии факултети геоэкология ва туризми МДТ "Донишгоҳи давлатии Хучанд ба номи академик Б. Ғафуров, Ятизода Содик Бако - номзади илмҳои геология ва минералогия, мутахассиси пешбари Раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Чумҳурии Точикистон, инчунин дар асоси натичаи овоздиҳии пинҳони ва хулосаи кабулнамудаи Шурои диссертатсионӣ ба рисолаи номзадии Сафари Нусратулло, мубрамияти мавзуъ, асосноккунӣ, навоварии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои диссертатсияи номзадӣ, шурои диссертатсионӣ,

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи номзадии Сафари Нусратулло дар мавзуи "Асосноккунии геоэкологӣ, бехатар чойгиронӣ, нигоҳдори ва дафни партовҳои саноати кӯҳии майдони маъдании Чоре (Точикистони

Марказӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологияю минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 - Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01 - Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ) ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферат ва мақолаҳои чопшуда унвонҷӯ таркиби диссертатсияро пурра нишон медиҳад.

3. Сафари Нусратулло барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологияю минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.36 - Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01 - Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ) сазовор дониста шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки ба Сафари Нусратулло дипломи номзади илмҳои геологияю минералогия аз рӯйи ихтисоси 25.00.36- Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.01- Соҳаи илмҳои геологӣ-минералогӣ) дода шавад.

5. Натиҷаи овоздиҳӣ ба қарори мазкур. Тарафдор-13 нафар: Зид-нест; Бетараф -1 нафар.

Каримов Ф.Ҳ.- раисикунандаи маҷлиси шурои диссертатсионӣ унвонҷӯро табрик намуда, ба муқарризони расмӣ, узви Шурои диссертатсионӣ барои иштирок дар маҷлиси Шурои муштараки диссертатсионӣ миннатдорӣ баён намуд.

Раисикунандаи маҷлиси Шурои
муштараки диссертатсионӣ 6D.КОА-057,
доктори илмҳои физика ва математика, профессор Каримов Ф.Ҳ.

Котиби илмии маҷлиси Шурои
муштараки диссертатсионӣ 6D.КОА-057,
номзади илмҳои техникӣ, дотсент Ғайратов М.Т.

Имзои Каримов Ф.Ҳ. ва Ғайратов М.Т.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.
25.05.2024 сол.